**ХУЛОСАИ**
**ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D. КОА – 033-И НАЗДИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»**
**дар бораи диссертатсия оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.01.08. – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ Шарифов Шодиқул Ҳасанович**

*Парвандаи аттестатсионии № 010*

**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 7-ми ибни соли 2021-ум**
дар бораи ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Шарифов Шодиқул Ҳасанович додани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ

Диссертатсияи Шарифов Шодиқул Ҳасанович дар мавзӯи «Поэтика ва масъалаҳои матншиносии маснавии «Интиҳонома»-и Султон Валад» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯи ихтисоси 10.01.08. – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 033-и назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (735700, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Б. Мавлонбеков, 1) барои ҳимоя қабул карда шудааст.

Диссертант Шарифов Шодиқул Ҳасанович, соли таваллудаш 1980, зодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, факултети филологияи МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров»-ро аз рӯйи ихтисоси омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик соли 2010 хатм намудааст. Аз 15.08.2010 то соли 04.01.2011 китобдори дараҷаи II, аз санаи мазкур то 15.09.2019 дар вазифаи сардори шуъбаи табъу нашри Китобхонаи вилоятии оммавии ба номи Тошхоҷа Асирӣ фаъолият бурдааст. Аз санаи мазкур то имрӯз дар вазифаи муовини директори МД-и «Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ» фаъолият дорад. Муддате аз 15.02.2013 то 29.08.2014 ҳамчун ходими хурди илмӣ дар Институти илмӣ-тадқиқотии ҷомеашиносии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» кор кардааст. Ҳамчунин аз соли 2014 инҷониб муаллими муштараквазифаи кафедраи адабиёти класикии тоҷики факултети филологияи тоҷик, кафедраи санъати тасвирӣ ва маҳорати актёрии факултети санъати Муассисаи давлатии таълимии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» мебошад.

**Роҳбари илмӣ:** Нуров Нуралӣ Норович - доктори илмҳои филологӣ, муовини директори институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои ҷомеашиносии МДТ-и «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров».

**Муқарризони расмӣ: Сӯфиев Шодимуҳаммад Зикриёевич** – доктори илмҳои филологӣ, директори Китобхонаи марказии илмии ба номи Индира Гандии АМИ ҶТ.

**Исмоилова Мутриба Охунҷоновна** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент ва мудири кафедраи забонҳои хориҷии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлати тиҷоратии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – кафедраи назария ва таърихи адабиёти МДТ-и «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ». Дар тақризи пешниҳоднамудаи муассиса, ки бо имзоҳои раиси ҷаласа, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёт Саидов Саидраҳмон, ташхисгар доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи мазкур Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович ва котиби ҷаласа СамиеваНиссо ба анҷом расидааст, диссертатсия мусбат арзёбӣ шудааст.

Ҳадафи асосии таҳқиқ омӯзиши ҷанбаҳои муҳими поэтикӣ, масъалаҳои матншиносии маснавии «Интиҳонома»-и Султон Валад ва муқаррар намудани ҷойгоҳи илмиву адабӣ ва ирфонии шоир дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ ба шумор меравад. Мақсад ва масъалаҳои таҳқиқшавандаи мавзӯъ, ки дар муқаддимаи диссертатсия асоснок дарҷ шудааст, дар се бобу ёздаҳ фасли диссертатсия бо равишҳои матлуби илмӣ ба пуррагӣ ҳаллу фасл ёфтааст. Дар боби фаслҳои диссертатсия Султон Валад на фақат ҳамчун як шоири пайрави падараш – Мавлоно Ҷалолуддин Балхии Румӣ, балки ҳамчун як шоири соҳибмақом ва дар таълифи маснавиҳои ирфонӣ мубтакир муаррифӣ шуда, баробари ин масоили матншиносӣ ва поэтикии маснавии охирини вай «Интиҳонома» ҳам ҳаддалимкон амиқу дақиқ таҳқиқ гаштааст. Хулосаҳои диссертатсия низ бо муҳтавои умумии он мувофиқат карда, дарунмоя ва ҷавҳари тадқиқотро бозгӯ менамояд.

Таҳқиқоти Шарифов Шодиқул Ҳасанович дар мавзӯи «Поэтика ва масъалаҳои матншиносии маснавии «Интиҳонома»-и Султон Валад» ба талаботи меъёрҳои таълифи рисолаҳои илмӣ, ки Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.01.08. – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ мебошад.

Дар қисмати татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот 9 мақолаи илмӣ ва 1 монография, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дода шудаанд, ки ҳамагӣ фарогири мавзӯъ ва муҳтавои асосии диссертатсия мебошанд.

**Мақолоте, ки аз рӯйи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба нашр расидаанд:**

а) **мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1.Шарифов Ш. Ҳ. Назаре ба зиндагинома ва осори Султон Валад [Матн] / Ш. Ҳ. Шарифов // Номаи донишгоҳ (ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров, силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ). –№2 (6). – 2011. –С. 28-38

4. Шарифов Ш. Ҳ. Назари Султон Валад ба шеъру шоирӣ [Матн] / Ш. Ҳ. Шарифов // Номаи донишгоҳ (ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров, силсилаи илмҳои гуманитарӣ). – № 3 (40). – 2014. –С. 102-112

3. Шарифов Ш. Ҳ. Вижагиҳои хунарӣ ва сабки таълифи маснавии «Интиҳонома»-и Султон Валад [Матн] / Ш. Ҳ. Шарифов // Ахбори ДДҲБСТ, силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – №4(60). – 2014. –С. 218 –226

**б) мақолаҳо дар маҷаллаю маҷмӯаҳои илмӣ:**

4. Шарифов Ш. Ҳ. Муҳтаво ва мавзӯоти маснавии «Интиҳоном»-и Султон Валад [Матн] / Ш. Ҳ. Шарифов // Шукуфаи ирфон: маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ бахшида ба 60-солагии профессор Неъматҷон Файзуллоев. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2012. – С. 397 –404

5. Шарифов Ш. Ҳ. Назарияи ирфонӣ дар маснавии Султон Валад– «Интиҳонома» / Ш. Ҳ. Шарифов // Ҳусни маънӣ (маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ ба ифтихори 70-солагии номзади илмҳои филология, дотсент Мавлудахон Файзуллоева). –Хуҷанд: Меъроҷ, 2013. –С. 334-342

6. Шарифов Ш. Ҳ. Ҳунари шоирии Султон Валад: корбурди санъатҳои бадеӣ дар маснавии «Интиҳонома» [Матн] / Ш. Ҳ. Шарифов // Оинадори сухан: маҷмӯаи мақолаҳо бахшида ба 70-солагии профессор Абдусаттор Абдуқодиров. – Хуҷанд-Конибодом: Вектор Канд, 2015. – С. 448 –458

7. Шарифов Ш. Ҳ. Нусхашиносии маснавии «Интиҳонома»-и Султон Валад [Матн] / Ш. Ҳ. Шарифов // Камоли Хуҷандӣ (фаслномаи илмӣ-адабӣ). – №1(5). – 2016. –77-86

8. Шарифов Ш. Ҳ. Саргузашти байти маъруфи шоири ношинохта (баҳсе дар атрофи байти Султон Валад, ки ба номи падараш Мавлоно Ҷалолуддин Балхӣ маъруф шудааст) [Матн] / Ш. Ҳ. Шарифов // Чашмаи бовар (маҷмӯаи мақолаҳо бахшида ба фаъолияти илмии номзади илмҳои филология, дотсент Мавҷуда Ӯрунова). –Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. –С. 227-232

9. Эҳтиёти хеш кун, дар Ҳақ гурез! [Матн]: Намуна аз маснавии «Интиҳонома»-и Султон Валад. Баргардон ва таҳияи Шарифов Ш. Ҳ. // Паёми Суғд. –№1, 2013. –С. 68-75

**в) монография:**

10. Шарифов Ш. Ҳ. Арзиши адабии маснавии «Интиҳонома»-и Султон Валад [Матн] / Ш. Ҳ. Шарифов. – Хуҷанд: Хуросон, 2015. –152 с.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

1. Тақриз ба автореферати диссертатсияи Шарифов Шодиқул Ҳасанович аз ҷониби доктор илмҳои филологӣ, Ректори МДТ «Донишкадаи давлатии санъат ва фарҳанги Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» – Муҳриддин Низомӣ ирсол шудааст. Муқарризи мазкур баробари зикри арзишҳо, баъзе пешниҳоди худро низ додааст: муаллифи рисола умумияту ҳамоҳангии сабки «Интиҳонома»-ро бо осори Мавлоно муқоиса намудааст, хуб мебуд, агар вижагиҳои сабкии «Интиҳонома»-ро бо ин навъ ба таълифоти бобояш – Баҳоуддин Валад «Маориф», ки Мавлоно ва пайравони ӯ дар маҷлисгӯиву хитобаҳояшон пайрави ӯ будаанд, низ муқоиса шавад».

**2.** Тақризи дигар аз тарафи доктор илмҳои филологӣ, профессор ва мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ҳамроев Ҷумъақул ва номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи мазкур Дилшодаи Фарҳодзод расидааст. Муқарриз зимни баёни комёбиҳои диссертант бархе пешниҳодҳои судманд, монанди: хуб мешуд, ҳангоми баррасии масъалаҳои матншиносӣ аз истилоҳоти марбут ба ин соҳа ба кор гирифта мешуд; б)Баъзе ҷумлаҳо тӯлонӣ ба назар мерасанд. Агар андешаҳо дар қолаби ҷумлаҳои кӯтоҳ ифода мешуд, беҳтар мешуд; в) Абёти шоир дар матни фишурдаи рисола ҳамчун шоҳид агар дарҷ шавад, боз ҳам беҳтар хоҳад буд.

**3.** Дар тақризи худ номзади илмҳои филологӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти АМИ ҶТ Шамсиддин Муҳаммадиев ба автореферати диссертатсия баҳои сазовор дода, Муқарриз бо дарназардошти муҳассанот дар кор дар такриз ба баъзе аз навоқис ишора менамояд, ки ҳамгун кардани ному насабҳои адабиётшиносон ва ислоҳи ғалатҳои китобиву имлоиро дар автореферат ва рафъи мушобеҳии баъзе масоили таҳқиқ ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниходшаванда дар муқаддима иқтизо дорад.

**4.** Тақризи дигар ба автореферати диссертатсия аз тарафи номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии ДДҲБСТ Раҳматова Дилрабо Аҳмадҷоновна ворид шудааст, натиҷаҳои таҳқиқоти илмии унвонҷӯ мусбат арзёбӣ шудааст. Муқарриз дар баробари муваффақиятҳо дар кор баъзе камбудиҳои ҷузъиро мутазаккир мешавад.

а) Дар қисмати муқаддима бахши зарурат ва мубрамияти мавзӯъ, ба андешаи мо, ҳаҷман калон таълиф шудааст. Он бояд дар ҳаҷми як ва ё якуним саҳифа ироа мегардид.

б) Дар фасле, ки мансубияти ашъори Султон Валад ба падараш _ Мавлонои Балхӣ баҳс мешавад, шавоҳиди шеърӣ нисбатан зиёдтар омадааст, вале дар бархе бахшҳо камтар. Ба назари мо бояд ҳадди эътидол риоя шавад.

в) Дар автореферат, бо ки бо услуби бисёр ҳам матлуби фишурданависӣ омода шудааст, ҷо-ҷо ғалатҳои имлоӣ ба назар расид. Мисол саҳифаи 3, 4 ва ғ.

**5**. Дар тақризе, ки аз тарафи номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии аграрии ба номи Ширинпюҳ Шоҳтемур Ҷурғосиев Аҳмадшоҳ ба автореферат ҳамчун "як дастоварди арзишманд дар илми филология"-и тоҷик баҳогузорӣ гардидааст. Муқарриз таъкид мекунад, ки хулосаҳои дар автореферат дарҷгардида муҳтавои ҳар се боби диссертатсияро инъикос менамоянд. Бино ба қайди муқарриз дар автореферат хатоҳои имлоиву техникӣ мавҷуданд ва қисмати русии он низ андак таҳрир мехоҳад.

Маҷмӯан, муқарризони ғайрирасмӣ арзишу аҳамияти назариявию амалии диссертатсия ва дастовардҳои илмии диссертантро бозгӯ ва эътироф карда, баробари он камбудҳои ҷузъии онро низ зикр намуда, ҳамзамон маслиҳату пешниҳодҳои муфиде додаанд, ки барои боз ҳам қавитару устувортар шудани таҳқиқ мусоидат менамояд.

**Муқарризони расмӣ** ва **муассисаи тақриздиҳанда** мутахассисони намоёни соҳаи назарияи адабиёт ва матншиносӣ буда, дар ин самт асару мақолоти фаровоне ба табъ расонидаанд ва мазмуну муҳтавои таҳқиқоти илмии онҳо ба мундариҷаи диссертатсияи баррасишаванда алоқамандӣ доранд.

**Муассисаи тақриздиҳанд**а яке аз марказҳои бонуфузи ҷумҳурӣ буда, мутахассисони он дар таҳқиқи масъалаҳои мухталифи адабиётшиносӣ, аз ҷумла назарияи адабиёт ва матншиносӣ собиқаву таҷриба ва мактаби хос доранд.

Шӯрои диссертатсионӣ таъкид менамояд, ки дар диссертатсияи унвонҷӯ бори аввал масъалаҳои поэтикӣ ва матншиносии осори Султон Валад, хусусан маснавии "Интиҳонома"-и вай ба таҳқиқи ҳамаҷиҳата фаро гирифта шудааст. Диссертант муҳаққиқест, ки нахустин шуда бо такя ба маълумоти маъзаҳҳои адабиву таърихӣ ва сарчашмаҳои илмӣ таъсири муҳити иҷтимоиро ба ҷаҳонбиниву фаъолияти эҷодии Султон Валад омӯхта, маҳз аз ҳамин нуқтаи назар ва дидгоҳи илмӣ мероси адабии ӯро муаррифӣ намудааст.

Маснавии «Интиҳонома» дар диссертатсия аз лиҳози матншиносӣ ва поэтикӣ хеле густардаву амиқ тадқиқ шуда, бар ин асос диссертан илман собит кардааст, ки муаллифи он баробари аз пайроҳаи тақлиди адабӣ берун омадану ба ибтикороти адабӣ ноил шудан мақоми хосеро дар миёни шоирони адабиёти классикӣ на фақат форсии тоҷикӣ, балки адабиёти туркӣ низ ишғол намудааст.

**Аҳамияти назарии таҳқиқ**ро натиҷаҳои назарии ҳосилшудаи диссертатсия, яъне аз диди тоза ба масъалаи зиндагиномависӣ ва

осоршиносии Султон Валад назар андохтан, роҳу усулҳои нақду баррасии матнҳои илмӣ-интиқодӣ ва истинботи падидаҳои ҳунарӣ дар маснавиёти ирфонӣ дар мисоли «Интиҳонома» муайян ва муқаррар менамояд. Дар адабиётшиносии тоҷик бори нахуст мавриди омӯзиш қарор додани масъалаҳои поэтикӣ ва матншиносии сарчашмаи асосии таҳқиқ, дастовардҳои назарии вижаи диссертант, аз ҷумла, муайян кардани ибтикороти сабкии Султон Валад дар «оғозанависӣ»-и мансури маснавиёти ирфонӣ, иктишофи нуқтаи назари адабӣ-ирфонии вай ба масъалаи шеъру шоирӣ арзиши назариявии диссертатсияро ташкил медиҳад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқ.** Диссертатсия барои вусъатбахшии домана, болотар бурдани сатҳу сифати мавлавишиносӣ ва маснавипажӯҳӣ дар Тоҷикистон мусоидат карда, муҳимтар аз ҳама, дар адабиётшиносии тоҷикӣ дарҳои тадқиқу омӯзиши амиқу дақиқи осору афкори адабии шоирони тариқати мавлавияро, ки аз дунболи Султон Валад ба арсаи адабиёт омадаанд, ба рӯи муҳаққиқон боз мекунад. Инчунин маводи диссертатсия дар самти таҳқиқи масоили меҳварии адабиёти классикии форсии тоҷикӣ ва иҷрои корҳои зерин мусоид меояд:

- таълиму тадриси фанҳои «Назарияи адабиёт», «Таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ» (давраи тасаввуф), «Сарчашмашиносӣ», «Матншиносӣ», «Таҳлили матни асари бадеӣ», «Тафсири матни асари бадеӣ», «Поэтика», «Таърихи фалсафаи Шарқ»;
- қироати курсҳои ҷудогона дар машғулиятҳои факултативӣ ва семинарҳои махсус;
- таҳияи дастурҳо ва раҳнамои таълимӣ, таълифи китобҳои дарсӣ ва илмӣ, диссетартатсияҳо, рисолаҳои магистрӣ ва хатми донишҷӯён.

Аз сохтор ва мундариҷаи диссертатсия маълум мешавад, ки он аз се бобу ёздаҳ фасл иборат аст.

Дар боби аввали он – **“Зиндагиномависӣ ва ҷанбаҳои иҷтимоии эҷодиёти Султон Валад”**, ки аз ду фасл таркиб ёфтааст, бо ба инобат гирифтани таъсири муҳити зиндагӣ ифодаёбии чеҳраи Султон Валад дар осори худаш ва сарчашмаҳои дасти аввал, бавижа «Рисолаи Сипаҳсолор», «Манокибу-л-орифин» ва таҳқиқоти адабиётшиносони муосир мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҳамчунин муҳтавои иҷтимоӣ доштани ашъори дар девони шоир гирдоваришуда, маснавиҳои “Ибтидонома”, “Рубобнома” ва асари мансури “Маорифи Султон Валад” баррасӣ гаштааст.

Дар боби дуюм – «**Масъалаҳои матншиносии мероси адабии Султон Валад**», ки дорои чаҳор боб аст, нусхаҳои хаттӣ ва нашрҳои осори шоир муаррифӣ гашта, масъалаи мансубияти ашъори Султон Валад ба Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ҳаллу фасл ёфта, ҳамчунин нусхаҳои хаттии маснавии “Интиҳонома”-и мавҷуд дар китобхонаҳои олам шиносоӣ шуда,

матни маснавии "Интиҳонома" дар таҳия ва тасҳеҳи М. Хазонадорлу нақду баррасӣ гардидааст.

Боби сеюми диссертатсия – **«Ҷанбаҳои поэтикии маснавии «Интиҳонома»** комилан ба таҳқиқи поэтикии асари мавриди тадқиқ нигаронида шуда, аз панҷ фасл иборат аст. Дар фасли аввал вижагиҳои сохтор, мавзӯъбандии «Интиҳонома», дар фасли андешаҳои ирфонӣ-адабии Султон Валад роҷеъ ба шеъру шоирӣ, дар фасли сеюм ҳунари шоири Султон Валад дар «Интиҳонома», дар фасли чорум **вижагиҳои сабкии** «Интиҳонома» ва дар фасли панҷум **бозтоби андешаҳои ирфонӣ дар «Интиҳонома»** ба пажӯҳиш гирифта шудааст.

**Натиҷаи таҳқиқ нишон медиҳад, ки** таъсири инфиродии падараш ва муҳити хонаводагӣ дар зиндагӣ ва эҷодиёти Султон Валад ниҳоят назаррас буда, дар пайравии Мавлоно ба сурудани шеър даромадану бо хоҳиши дӯстон ғазалу қасида гуфтан, маснавиёти сегона эҷод кардану вазъу хитобаҳояшро дар сурати китоби алоҳидае гирд овардан далели ин ҳам нуфузи иҷтимоӣ ба шахсияту эҷодиёти шоир мебошад.

Ҷустуҷӯ ва мутоилаи феҳристҳои нусхаҳои хаттии форсӣ ва таҳқиқоти адабиётшиносон собит кард, ки дар китобхонаҳои шаҳрҳои Қуния (6 нусха), Истамбул (3 нусха), Теҳрон (1 нусха), Париж (2 нусха), Берлин (1 нусха), Калкутта (1 нусха) маҷмӯан 14 нусхаи «Интиҳонома»-и Султон Валад ба қайд гирифта шудаанд. Аз ин 14 нусха 8 нусха дар таркиби маснавиҳои сегона ва 6 нусхаи алоҳида аз тарафи котибон аз соли 714 ҳ.қ. // 1314 м. сар карда, то асри XII ҳ.қ. // XVIII м. китобат шудааст. Баробари дастрасӣ ба ин 14 нусхаи хаттӣ имкони таҷдидан бо усулҳову меъёрҳои муосири матншиносӣ тасҳеҳ ва таҳия кардани матни илмӣ-интиқодии маснавии «Интиҳонома» пайдо мешавад.

«Интиҳонома» мисли ду маснавии дигари Султон Валад дар муқоиса бо «Маснавии маънавӣ» аз ҷиҳати сохтори умумӣ, ҷойгиршавии матолиби ирфонӣ ва корбурди ҳикоёти тамсилӣ фарқи калон дорад. Ҷӯшиши эҳсосу ғалаёноти рӯҳӣ, печдарпечии матолиб, усули баёни қисса ба қиссаи «Маснавии маънавӣ» дар маснавиёти Султон Валад, хусусан дар «Интиҳонома» дида намешавад. Матолиби ирфонӣ дар «Интиҳонома» пайдарпай бо нақли ниҳоят ками ҳикоёти тамсилӣ баён шудааст. Ҳар як матлаби ирфонӣ нахуст дар перояи насри содаву равон, баъдан ба сурати мавзун маҷоли ифода ёфтааст. Тааммул дар 110 мавзӯи ба ду даста: меҳварӣ (аслӣ) ва канорӣ (фаръӣ) тақсимшуда, баррасии банду басти мундариҷаву сохтор ва муҳтавои умумии «Интиҳонома» шаҳодат медиҳад, ки ин асар хулосаи андешаҳои адабиву ирфонии Султон Валад ва саршор аз афкори таълимӣ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаб** дар тамоми корҳои амаливу назарии вобаста ба мавзӯъ анҷомдодааш, ки дар қисматҳои «Муқаддима»-и диссертатсия ба

қайд омадааст, зоҳир шуда, таҳияи матни кириллии маснавии «Интиҳонома» бо луғоту тавзеҳот барои чоп ба шумори дастовардҳои диссертант дохил мешаванд.

Муаллифи диссертатсия дар доираи мавзӯъ 9 мақолаи илмӣ ва 1 монографияро ба табъ расонида, муҳтавои баъзе аз онҳоро дар конференсияҳову чорабиниҳои илмӣ-адабии гуногунсатҳ ба сурати маърӯзаву гузориш пешкаши алоқамандон кардааст.

Ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 033-и назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» аз 7-уми июни соли 2021 дар бораи ба Шарифов Шодиқул Ҳасанович додани дараҷаи номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.08 Назарияи адабиёт. Матншиносӣ қарор қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатстионӣ аз шумораи умумии 16 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ 12 нафар иштирок доштанд, ки аз ин 6 нафар аз рӯи ихтисоси 10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ мебошанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ:

«Тарафдор» – «12» нафар», «Зид» – «нест», «Варақаи беэътибор» – «нест».

**и.в.Раиси Шӯрои диссертатсионӣ:**
**доктори илмҳои филологӣ,**
**профессор** **Ҳасанзода Абдуҷамол Ашраф**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ:**
**номзади илмҳои филологӣ,**
**дотсент** **Шарипова М. З.**

**7-уми июни соли 2021**